# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Мавзуи интихобкардаи диссертант Бобоев Б.Ҷ. зери унвони «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» яке аз мавзуҳои актуалӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми таҳсилот воридшавии тағйирот, ҷорӣ намудани фаъолияти таълимӣ—маърифатии донишҷӯёнро дар бар мегирад.

Навгониҳои автореферати диссертатсия дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳо, самтҳои илмӣ, эҷодӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ ва психологӣ-педагогӣ нишон дода шуд, ки самарабахшии маърифатӣ дар фаъолият ифодашаванда мебошад. Ҳамчунин сифати шахсияти донишҷӯ, тарзи худифодакунонӣ пеш аз ҳама дар ҷараёни таълим ба вуҷуд оварда мешаванд. Рушди фаъолшавӣ дар донишҷӯён, ин рушди тафаккури назариявӣ, ташаккулёбии қобилият ва малакаҳо доир ба аз худкунонии донишҳои нав ва тарзҳои қабули онҳо, ташаккулёбии муносибатҳои мусбӣ ҷиҳати донишандӯзӣ ва роҳҳои фарогирии онҳо ба шумор меравад. Бинобар ин, ваҷҳҳо, тағйирот дар хусусиятҳои фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар се самт пешкаш мегарданд: ваҷҳнокӣ, мундариҷавӣ ва иҷрои амалӣ.

Сарчашмаи таҳқиқро пеш аз ҳама, осори олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи асосӣ бахшида ба масъалаҳои фаъолияти рушди таълимӣ-маърифатии донишҷӯён; рисолаҳо, асарҳо, мақолаҳо ва дигар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён; сарчашмаҳои адабиёти гуногуни илмӣ-методӣ, фалсафӣ,

психологию педагогӣ ва таҳлили муқоисавии онҳо; таҷдиди системаи ақидаҳои педагогии мутафаккирони гузаштаву муосир ва ҷамъи санадҳои ба даст омада ташкил медиҳад. Фаъолияти таълимӣ-маърифати ба таври ҷудогона дар китобҳои дарсӣ ва корҳои илмӣ-методии М. Лутфуллоев, Қ.Б. Қодиров, Ф. Шарифзода, С. Холназаров С.Л. Рубинштейн, Л.Н. Леонтев, Т.И. Шамова, А.В. Усова, П.И. Пидкасистый, ва дигарон рӯйи кор омадааст.

Роҳҳои фаъолгардонӣ дар раванди омӯзиши фаъолияти дарксозии донишҷӯён дар доираи системаи муносибатҳои ҷамъиятии мушаххаси таърихӣ муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, таълифоту таҳқиқоти бунёдии олимону муҳаққиқони машҳури ватанию хориҷӣ дар вақти худ ба таври зарурӣ мушкилотҳои педагогиро дида баромада, бо интихоби дурусти методҳои таълим алоқамандӣ ва муайян намудани самаранокии онҳо асоснок карда шудаанд.

Диссертатсия дар асоси методҳои назариявӣ; - таҳлили адабиёти фалсафӣ, равоншиносию педагогӣ ва методӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда; таҳлили ҳуҷҷатҳои меъёрӣ; таҳлили муқоисавии консепсияҳои педагогии соҳаи методикаи таълими химия; методҳои эмпирикӣ; мушоҳида, пур кардани пурсишномаҳо, амсиласозӣ, назарсанҷӣ, тестгузаронии омӯзгорон ва донишҷӯён ба роҳ монда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст:

1. Самти илмӣ-амалӣ доир ба самарабахш гардонидани фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод гардид.

2. Шароити педагогие, ки дар баланд бардоштани муваффақиятнокии раванди рушди фаъолияти донишҷӯён дар давраи омӯзиши фанҳои асосии химия имкон медиҳанд, муайян карда шудааст.

3. Коркарди методӣ ва тарзи ба вуҷуд овардани барномаҳои машқҳои тағйирёбанда, ки ба фаъолияти самарабахши донишҷӯён дар дарсҳои беруназсинфӣ мусоидат менамоянд, амалӣ карда шудааст.

Хулосаҳо ва масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ аз ҷониби диссертант дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 12 адад мақола, аз ҷумла 7 адад мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардида, инъикос ёфтаанд.

Аз ҷумла, муайян шудааст, ки маводи автореферати диссертатсия зимни тадрис ва гузаронидани семинару курсҳои махсуси химия, химияи органикӣ, химияи таҳлилӣ, химияи физикавӣ, методикаи таълими химия дар факултетҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ саҳми арзандаи худро хоҳад гузошт.

Мазмун ва муҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашр шуда, ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи муаллиф мувофиқат менамоянд.

Бо назардошти арзиши илмию амалии автореферати диссертатсияи мазкур ва пешниҳоду дархостҳои автореферати Бобоев Бахтиёр Ҷангиевич дар мавзуи «Шароити педагогии рушди фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ (дар мисоли фанни химия)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Мудири кафедраи химия ва биологияи
тиббии Донишгоҳи давлатии тиббии
Хатлон д.и.х., дотсент Ғафуров Б.

Имзои мудири кафедраи химия ва биологияи тиббии ДДТХ, доктори илми химия, дотсент Ғафуров Б. ро тасдиқ мекунам.

Имзо ______
ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Сардори шуъбаи кадрҳо ______

Сардори шуъбаи кадрҳои ДДТХ: Асоев С.П.

8. 09. 2022.